**Ба Шӯрои диссертатсиониии 6D.KOA-059-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Раҳимзода Муъмин Сайфулло дар мавзӯи «Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ: вазъи батанзимдарории ҳуқуқӣ, амалия ва дурнамои инкишофи он», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Мурофиаи ҷиноӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

**Мубрамияти мавзӯи тадқиқот.** Тадқиқоти диссертатсионии Раҳимзода Муъмин Сайфулло дар мавзӯи **«Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ: вазъи батанзимдарории ҳуқуқӣ, амалия ва дурнамои инкишофи он»** ба яке аз масъалаҳои мубрами илм ва амалияи ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии замони муосир бахшида шудааст.

Актуалӣ будани мавзӯъро, муаллиф дуруст бо муташаккил гардидани ҷинояткории вазнин дар дунё ва Тоҷикистон асоснок кардааст.

Ин мавзӯъ на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар тамоми давлатҳои демократӣ, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон рӯзмарра гардидааст. Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон ин масъала аввалан дар сатҳи Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ба танзим даровардa шудааст.

Мавзӯе, ки диссертант дар болои он кор кардааст, аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ, актуалӣ ҳисоб шуда, дар он масъалаи вобаста ба таъмини амнияти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ дида баромада шудааст.

Омӯзиши кор нишон медиад, ки вай аз муқаддима, се боб, ҳашт параграф, хулоса ва адабиётои истифодашуда иборат буда, вай ба мазмун, мундариҷа, вазифа ва мантиқи тадқиқот асос ёфтааст.

Дар **муққадима** муаллиф актуалӣ будани корашро асоснок намуда, мавзӯъ, объект, мақсад, вазифаҳои тадқиқот, асосҳои методологӣ, назариявӣ, навовариҳо ва хулосаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсияр асоснок намудааст.

Боби якуми диссертатсия – **«Тавсифи умумии ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ»** номгузорӣ шудааст, ки мазмуни умумии мавзӯи диссертатсияро кушода медиад. Дар боби мазкури диссертатсия таърихи бавуҷудой ва инкишофи падидаи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, мафҳум ва моҳияти ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ва батанзимдарории ҳуқуқии ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ дида баромада шудааст.

Параграфи якуми боби якум – **«Таърихи бавуҷудоӣ ва инкишофи падидаи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ»** ном дошта, дар доираи он заминаҳои таърихию ҳуқуқӣ ва иҷтимоии бавуҷудоии падидаи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ хамачониба дида ва асоснок гардидааст. Муаллиф тӯғрӣ зикр менамояд, ки падидаи ҳуқуқии ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ҳарчанд ба мазмуни имрӯзааш дар Тоҷикистон як падидаи нав ва ҳанӯз амиқ коркарднашуда бошад ҳам, вале дорои заминаҳои таърихию ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Ӯ зикр менамояд, ки то замони ба даст овардани истиқлолият дар Тоҷикистон сарчашмаи ҳуқуқии алоҳидае, ки бевосита муносибатҳои ҷамъиятиро дар самти ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ танзим намояд, мавҷуд набуд. Вале, нишонаву мазмуни ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро баъзе сарчашмаҳои ҳуқуқӣ то андозае инъикос намуда буданд (сахифаи 23-и диссертатсия). Муиммияти нақши КМҶ Ҷумурии Ӯзбекистон аз соли 1926 ва 1929 оид ба ин масъала аз ҷониби муаллиф тӯғри қайд карда шудааст. Ҳамзамон, диссертант зикр менамояд, ки ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ дар Ҷухурии Тоҷикистон ба ҷуз аз омилҳои таърихӣ ба омилҳои иҷтимоӣ низ асос ёфтааст, ки дар ташаккули падидаи мазкур нақши таъсирбахш доранд.ӯ, ба заминаҳои иҷтимоии падидаи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ чунин омилҳоро мансуб донистааст, ки мо низ оноро қабул менамоем:

- дигаргун шудани сохти ҷамъиятӣ, ташаккул ёфтани шуури ҷамъиятӣ, асоси иқтисодӣ ва сиёсии кишвар, эъломи истиқлолияти давлатӣ ва сохтмони давлати ҳуқуқбунёд, тағйир ёфтани муносибати шахс бо давлат.

- инъикоси тағйиротҳои куллӣ дар Конститутсияи ҶТ ва сохтмони давлати ҳуқуқбунёд, дар хаёт пиёда намудани принсипҳои конститутсионӣ.

- нақши муайянкунанда доштани муқаррароти Конститутсия дар созмон додани низоми сиёсии давлат ва ҳаёти иҷтимоии мардум.

- густариш ёфтани ҳамкориҳо бо ташкилотҳои байналмилалӣ.

- ташаккул ёфтани таъйинот ва вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ бо дарназардошти риояи ҳуқуқи инсон.

- рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва зарурати танзими ҳуқуқии онҳо (саҳифаҳои 34-41-и диссертатсия).

Дар параграфи дуюми боби якум – **«Мафҳум ва моҳияти ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ»** муаллиф мафҳум ва моҳияти ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро кушода додааст. Дар доираи ин параграф муаллиф барои муқаррар намудани мафҳуми ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, зимнан мафҳумҳои «ҳимояи ҳуқуқ», «ҳифзи ҳуқуқ», «амният» ва «таъмини амният» мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додааст (саҳифаи 42-и диссертатсия). Вобаста ба таҳлилу омӯзиши мафҳумҳои мазкур ва

меъёрҳои қонунгузорӣ, нишонаҳои ин шакли фаъолияти давлатӣ, чунин мафҳуми ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро пешниҳод намудааст: «Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ – фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ ва ташкиливу дастгириву иҷтимоии бо қонун танзимшавандаи мақомоти махсуси ваколатдор ва шахсони мансабдори давлатӣ мебошад, ки бо мақсади ҳифзи ҳаёт, саломатӣ, шаъну шараф, обрӯ ва молу мулки иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ҳангоми ҷой доштани таҳдиди воқеии куштор, истифодаи зӯроварӣ нисбат ба онҳо, хешовандон, хешовандони наздик ва наздиконашон, несту нобуд ё вайрон кардани молу мулкашон, инчунин ҳангоми вафот ё расонидани зарар ба саломатии онҳо, ки бо сабаби иштирокашон дар мурофиаи ҷиноятӣ ба вуқӯъ мепайвандад, бо роҳи татбиқ намудани чораҳои ҳимояи давлатӣ амалӣ карда мешавад». Мафҳуми додашуда аз лиҳози алмӣ муаллифона буда, дар он ҳама паҳлуҳо ва нишонаҳои ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ кушода дода шудааст (саҳифаҳои 64-65-и диссертатсия).

Зимни таҳлили параграфи сеюми боби якум **«Батанзимдарории ҳуқуқии ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ»** муаллиф танзими ҳуқуқии падидаи мазкурро тавассути санадҳои меъёрии байналмилаливу минтақавӣ ва миллӣ васеъ таҳлил намудааст. Муаллиф дар ин қисмати диссертатсия тӯғрӣ зикр кардааст, ки асосҳои қонунгузории ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ дар Тоҷикистон, ба мисли Ӯзбекистон таърихи дурудароз надорад. Падидаи мазкур танҳо баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар сатҳи қонунгузорӣ ба танзим даровarда шуд. Аз ин бармеояд, ки саъю кӯшиши бунёд намудани давлати демократӣ дар Тоҷикистон ба рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла ба танзими ҳуқуқии ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ такони бузург бахшид. Ӯ, қадами нахустинро оид ба ҳимояи давлатӣ, қабул гардидани Конститутсияро дар соли 1994 мансуб донистааст, ки сухан барои олӣ будани Констиутсия меравад. Ҳамзамон, зикр менамояд, ки тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи ҶТ аз соли 2004, ки инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро арзиши олӣ эълон намуд, барои қабули як қатор акти ҳуқуқӣ, аз ҷумла Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ» асоси ҳуқуқӣ гузошт (саҳифаи 67-и диссертатсия). Аз мазмуни ин параграфи диссертатсия бармеояд, ки диссертант дар асоси Конститутсияи ҶТ якум маротиба Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ аз соли 2009 ва 29-уми декабри соли 2010 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» қабул гардиданд, инчунин эътироф амали кардани актои байналмилаливу минтақавиро идомаи ислоҳоти ҳуқуқӣ доир ба ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ дар кишвари Тоҷикисион медонад.

диссертант дар боби дуюми диссертатсияи худ – «**Субъектони ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ**» оид ба масъалаҳои «**Иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятие, ки нисбати онҳо чораҳои ҳимояи давлатӣ татбиқ мегарданд**» ва «**Мақомоти татбиққунандаи химояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ**» диққати махсус додааст, ки ки ҳар кадоме аз параграфи алоҳида иборат мебошад. Яъне боби мазкури диссертатсия аз ду параграф иборат аст. Масъалаи доираи иштирокчиёни мурофиаи чиноятие, ки нисбати онҳо чораҳои ҳимояи давлатӣ татбиқ мегарданд, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои онҳо, андешаҳои мухталиф оид ба доираи иштирокчиёне, ки нисбат ба онҳо чораҳои ҳимояи давлатӣ татбиқ мегарданд, қиёси актои далатҳои ИДМ оид ба доираи иштирокчиён аз ҷумлаи масъалаҳое мебошанд, ки дар параграфи якуми боби дуюм дида баромада шудаанд. Муаллиф дар ин параграф дар асоси омӯзиши фикру андешаҳои олимон, таҳлили актҳои нормативии миллӣ, қиёси он бо қонунгузории шабеҳи кишварҳои ИДМ, практикаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, шахсоне, ки ҳангоми мурофиаи ҷиноятӣ ба ҳимояи давлатӣ зарурат доранд ва бо дарназардошти омилҳои дигар, чунин хулоса намудааст, мо низ онро қабул дорем:

- КМҶ ҶТ ва Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» доираи маҳдуди иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро, ки нисбати онҳо чораҳои ҳимояи давлатӣ татбиқ карда мешаванд, муайян намудаанд;
- ҳуқуқ ва манфиати инсон, самаранок намудани мурофиаи судии ҷиноятӣ, воқеияти ҳоли мурофиа аз мо талаб менамоянд, ки мо доираи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятие, ки нисбати онҳо чораҳои ҳимояи давлатӣ татбиқ карда мешаванд, васеътар фаҳмида, онро зиёд намоем (саҳифаҳои 120-121-и диссертатсия).

«**Намудҳои чораҳои ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ**» дар доираи боби сеюми диссертатсия мавриди тадқиқ қарор дода шудааст. Боби мазкур муттаҳидкунандаи се параграф мебошад. Зимни баррасии параграфи якуми боби сеюм – «**Мафҳум ва таснифоти чораҳои ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ**» муаллиф мафҳуми чораҳои ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро маҷмӯи чораҳои амниятӣ ва дастгирии иҷтимоие фаҳмидааст, ки бо мақсади ҳифзи ҳаёт, саломатӣ ва молу мулк, ҳангоми мавҷуд будани таҳдиди воқеии куштор, истифодаи зӯроварӣ, несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк, инчунин ҳангоми ҳалокат ё вафот, расонидани зарари ҷисмонӣ ё зарари дигар ба саломатӣ ва расонидани зарар ба молу мулки шахси ҳимояшаванда дар робита ба парвандаи ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд ва ин чораҳо ҷониби мақомот ва шахсони мансабдори масъул амалӣ карда мешаванд (саҳифаи 150-и диссертатсия). Ба назари мо мафҳуми додашудаи муаллиф қобили

қабул мебошад, чунки ӯ ҳангоми додани мафҳуми чораҳои ҳимояи давлатӣ - чораҳои амниятӣ, чораҳои дастгирии иҷтимоӣ ва мақомоту шахсони масъули татбиқунандаи ин чораҳоро дар мафҳум низомнок ва мантиқан ҷой додааст. Ҳамзамон ҳангоми тадқиқоти рисола муаллиф бо назардошти таҳлилҳо дар маҷмӯъ чораҳои амниятиро чунин тасниф намудааст: 1) чораҳои умумии давлатӣ (чораҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба ҳимояи иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ); 2) чораҳои амниятии мурофиавӣ; 3) чораҳои амниятии ғайримурофиавӣ; 4) чораҳои махсуси ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ (саҳифаи 163-и диссертатсия).

Бояд зикр намуд, ки параграфи дуюми боби сеюм – «**Намудҳои чораҳои ҳимояи давлатӣ**» ном дошта, муаллиф бодарназарошти қонунгузории танзимкунандаи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ намудҳои зерини чораҳои ҳимояи давлатиро нишон додааст: 1) чораҳои мурофиавии ҳимояи давлатӣ (чораҳои мурофиавӣ); 2) чораҳои махсуси ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ (чораҳои махсус). Муаллиф, ба гурӯҳи якуми чораҳои ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, чораҳое мансуб донистааст, ки онҳоро КМҶ ҶТ танзим намудаанд. Ба андешаи ӯ, дар КМҶ ҶТ як қатор меъёрҳое мустаҳкам гардидаанд, ки ҳамчун чораҳои мурофиавӣ оид ба таъмини амнияти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ баромад менамоянд. Ба монанди: 1) ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ (қ. 3 м. 12); 2) чораҳои пешгирӣ (бандҳои 3, 6, 7 қ. 1 м. 101); 3) протоколи амали тафтишӣ (қ. 8 м. 172); 4) гӯш ва сабт кардани гуфтугӯ (қ. 2 м. 196); 5) тартиби нишон додан барои шинохтан (қ. 9 м. 206); 6) муҳокимаи ошкорои судӣ (қ. 2 м. 273); 7) пурсиши шоҳид (қ. 6 м. 314). Чораҳои мазкур хусусияти мурофиавӣ дошта, дар як қатор ҳаракатҳои мурофиавӣ тавассути тартиби махсус амалӣ карда мешаванд. Вале, таҳлили КМҶ ҶТ муаллифро ба чунин хулоса овардааст, ки Кодекси мазкур танҳо чораҳои амниятиро пешбинӣ намуда, вобаста ба чораҳои дастгирии иҷтимоӣ ягон муқаррароти меъёрӣ пешбинӣ нагардидааст. Ҳамзамон, муаллифи диссертатсия гурӯҳи дуюми чораҳои ҳимояи давлатиро вобаста ба қонуни вижа ба ду намуд ҷудо намудааст: 1) чораҳои амниятӣ; 2) чораҳои дастгирии иҷтимоӣ (саҳифаҳои 163-164-и диссертатсия). Инчунин, муаллиф ҳангоми тадқиқоти диссертатсионии хеш чораҳои амниятиро дар алоҳидагӣ тавсиф намудааст, ки яке аз палуои мусбии диссертатсия шаҳодат медиҳад. (саҳифаҳои 165 то 181-и диссертатсия).

Муаллифи диссертатсия дар доираи параграфи сеюми боби сеюм – «**Асосҳо, сабабҳо, шартҳо ва тартиби татбиқи чораҳои ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ**» зикр менамояд, ки раванди татбиқи чораҳои ҳимояи давлатӣ, мавҷудияти шароити муайянро дар назар дорад. Ба сифати заминаҳои қабули қарори мурофиавӣ оид ба татбиқ намудани чораҳои

ҳимояи давлатӣ, пеш аз ҳама, асосҳо, сабабҳо, шартҳо ва тартиби татбиқи чораҳои мазкур баромад менамоянд. Аз ин рӯ, барои ноил шудан ба ин мақсад муаллиф дар назди худ вазифаҳои зеринро гузоштааст: 1) тавсифи ҷудогонаи асосҳо, сабабҳо, шартҳо ва тартиби татбиқи чораҳои ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ; 2) кушода додани мафҳум ва моҳияти асосҳо, сабабҳо, шартҳо ва тартиби татбиқи чораҳои ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ (саҳифаи 183-и диссертатция). Муаллифи диссертатсия дар асоси омӯзиши фикру андешаи олимон ва таҳлили қонунгузории давлатҳои ҳамҷавор, ба хулоса омада, асоси татбиқ намудани чораҳои амниятӣ, ки дар қ. 1 м. 16 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» зикр гардидаанд, на мавҷудияти маълумот, балки чун воқеияти ҳол, яъне мавҷудияти таҳдиди воқеии куштори шахси ҳимояшаванда, истифодаи зӯроварӣ нисбати ӯ, хешовандон, хешовандони наздик ва наздиконаш, несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк маънидод намудааст (саҳифаи 186-и диссертатция). Таҳлили илмию мантиқии муҳаққиқ аз он шаҳодат медиҳад, ки ӯ дар тадқиқоти хеш дар назарияи илми мурофиаи ҷиноятӣ саҳми хешро гузоштааст. Ҳамзамон муаллифи диссертатсия дар идомаи тадқиқоти хеш дар ин ин параграф асосҳо, сабабҳо, шартҳо ва тартиби татбиқи чораҳои ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро тафсиф намуда, мафҳум ва моҳияти онҳоро аз лиҳози низомнокӣ, мантиқӣ ва илман асоснок кушода додааст (саҳифаҳои 188 то 201 диссертатсия).

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои асосии тадқиқоти илмӣ ифода гардида, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии он бозгӯӣ шудаанд, инчунин як қатор таклифу пешниҳодҳои илман асоснок бобати такмили қонунгузорӣ пешниҳод гардидааст.

Дар маҷмӯ хулоса намудан мумкин аст, ки аз диссертатсияи мазкур бармеояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол тадқиқоти диссертатсионии алоҳида дар ин самт анҷом дода нашудааст. Ҳарчанд баъзе тадқиқотҳо дар шакли мақола, маърӯза ва дигар навъи пажӯҳишҳо рӯйи кор омада бошанд ҳам, аммо дар онҳо масъалаи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофаи ҷиноятӣ дар шакли умум баррасӣ шудааст. Диссертатсияи мазкур ба бартараф намудани ин холигӣ дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон ва авзаи илмии Осиёи марказӣ, хусусан илми мурофиаи ҷиноятӣ равона гардидааст. Аз ин рӯ, аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ тадқиқоти диссертатсионии мазкур актуалӣ ва зарӯрӣ ба ҳисоб меравад.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Дар ҳақиқат мавзӯи диссертатсияи Раҳимзода М.С., бо дарназардошти масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ интихоб гардида, бевосита аз ҷониби муаллиф дар доираи ихтисоси 12.00.09 – Мурофиаи ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) омода шудааст ва чунин шакли интихоби мавзӯъ ва баррасии масъалаҳое, ки муаллиф дар диссертатсия тадқиқ намудааст, бешубҳа гуфтан мумкин аст, ки ба ихтисоси интихобнамуда

пурра ҷавобгӯ аст.

**Дараҷаи навоварии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Тадқиқоти диссертатсионии мазкур аз назари гузориши масъалаи баррасишаванда, мавзӯи интихобшуда, усули баррасӣ ва роҳҳои илмии ҳалли мушкилоти мавҷудаи ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тақвиятёбии ихтилофи тамаддунӣ навгонии ҷиддӣ дар фазои илми ҳуқуқшиносии кишвар маҳсуб мегардад.

Қайд кардан зарур аст, ки дида баромадани масъалаи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ на танҳо дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон, балки дар фазои илмии ҳуқуқшиносии ҳавзаи Осиёи марказӣ низ иқдоми зарӯрӣ мебошад.

Ба андешаи мо рисолаи мазкур аввалин тадқиқоти илмӣ дар кишвари бо мо дӯсту ҳамфарҳанг – Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар он заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ, мафҳум ва моҳияти ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ва дигар масъалаҳо вобаста мундариҷаи рисола мавриди тадқиқ қарор гирифтааст. Дар тадқиқот падидаҳои муҳимми ҳуқуқиву сиёсӣ, ба мисли манфиатҳои миллӣ, истиқлолияти давлатӣ, ҳимояи давлатӣ, таъмини амният ва монанди инҳо таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Ин равиши илмии муаллиф дуруст мебошад, зеро рушди бемайлони низоми ҳуқуқӣ ва ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ аз таъмини дурусти манфиатҳои миллӣ, амнияти давлатӣ ва истиқлолияти давлатӣ сарчашма мегиранд.

Тадқиқи мавзӯи мазкур воқеан дар шароити муосир муҳим мебошад. Зеро дар шароите, ки ҷиноятҳои муташаккилу фаромилии террористиву экстремистӣ, хариду фуруши одамон ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир таҳдидҳои доманадор ба амнияти давлат, инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ, аз ҷумла ба ҷону моли иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ доранд, интихоб ва баррасӣ намудани мавзӯи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ саривақтӣ аст.

Дар диссертатсия ва автореферат Раҳимзода М.С., ба ҳимоя 10 нуктаҳои илмиро пешниҳод намудааст, ки дар воқеъ нав ва барои илми ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ масъалаҳои нав буда, ба рушди падидаи мазкур мусоидат мекунанд.

Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автреферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла мазмуни мухтасари бобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

Дар маҷмӯъ метавон хулоса намуд, ки дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст ба талабот ҷавобгӯ буда, сазовори баҳои баланд мебошанд.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Диссертатсияи Раҳимзода М.С., кори анҷомёфтаи илмӣ-тахассусӣ буда, натиҷаҳои он дар рушди илми ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ,

амалияи он ва қонунгузорӣ мусоидат мекунанд. Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, масъалаҳои қонунгузорӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, инчунин таҳлили танқидии ақидаҳои дар илм ҷойдошта, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии адабиёти илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳанд, ки тадқиқоти мазкур муаллифона навишта шудааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф аз ҷиҳати назариявӣ ба рушди илми ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ва амалияи он мусоидат карда, сабаби такмили падидаи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ мегарданд. Хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои такмили қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти таъминкунандаи ҳимояи давлатӣ ва рушди соҳа заминаи хубе ба ҳисоб мераванд. Ҳамзамон, онҳо метавонанд, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ дар самти мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва таъмини амнияти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ истифода шаванд.

**Дар баробари ҷанбаҳои зиёди мусбати рисола дар он баъзе камбудиҳо ба мушоҳида мерасад. Аз ҷумла:**

1. **Диссертатчияи Раҳимзода М.С.** дар мавзӯи «Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ: вазъи батанзимдарории ҳуқуқӣ, амалия ва дурнамои инкишофи он» навишта шудааст. Дар параграфи якуми боби якум бошад, ба масъалаи «**Таърихи бавуҷудоӣ ва инкишофи падидаи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ**» шурӯъ намудааст, ки аз замони Ҳокимияти Шӯравӣ то имрӯзро дарбар мегирад, яъне аз Конститутсияҳои замони Шуравӣ, қонунҳо то қабули Конститутсия (соли 1994), Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2009) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» (соли 2010) (саҳифаҳои 22 то 42-и диссертатсия). Ба назари мо хуб мебуд, муҳаққиқ аз параграфи 2 боби якум шурӯъ менамуд. Чунки, ба назари мо 20 саҳифа иловагӣ буда, сабаби барзиёд шудани шумораи саҳифаҳои диссертатсия гардидааст.

2. Дар нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудааст вобаста ба масъалаи дар параграфи сеюми боби якум, яъне «Батанзимдарории ҳуқуқии ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ» ягон нуқтаи илмӣ ба ҳимоя пешниҳод нагардидааст. Ҳол он ки дар матни диссертатсия (саҳифаҳои 65 то 97-и диссертатсия) доир ба ин масъала пешниодои ҷолиб мавҷуд аст.

3. Диссертант шумораи субъектоне, ки ба онҳо ҳимояи давлатӣ паҳн мешаванд, аз ҳисоби муфатишону гумоштагони мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ васеъ намуданро пешниҳод намудааст, вале ба назари мо хубтар мебуд, ки онро боз ҳам васеътар асоснок намояд. Аз ин рӯ, дар мавриди ҳимоя аҳамият дод.

4. Муаллиф ҳангоми навистани диссертатсия аз осори олимони соҳавӣ ва кормандони амалӣ истифода кардааст, ки ин хуб аст. Аммо дар диссертатсия мушоҳида мешавад, ки муҳаққиқ бештар аз осори олимони хориҷӣ истифода намудааст. Ҳарчанд мавзӯи рисолаи илмии муҳаққиқ як падидаи нав ва ҳануз коркарднашуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад ҳам, вале аз осори олимони тоҷик, ки ба мавзӯи тадқиқшуда то андозае наздикбударо истифода менамуд ба манфиат кор мешуд.

Албатта, камбудиҳои зикршуда сифати тадқиқоти диссертатсиониро паст намекунанд ва баҳои мусбии диссертатсияро тағйир намедиҳанд. Хулосаҳои пешниҳоднамудаи Раҳимзода М.С., мантиқан дуруст ва илман асосноканд. Бешубҳа, натиҷаҳои тадқиқоти илмии тақризшаванда аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доранд ва метавонанд дар фаъолияти илмию таълимӣ ва амалияи фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ истифода шаванд.

**Чоп намудани таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ.** Мақолаҳои илмӣ ва автореферати Раҳимзода М.С., ба матни тадқиқоти диссертатсионии тақризшаванда мувофиқ мебошанд. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия аз ҷониби унвонҷӯ дар конференсия ва семинарҳои сатҳи гуногун маърӯза шудаанд. Мазмуни асосии диссертатсия дар 12 мақолаҳои илмӣ, аз он ҷумла 6 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиядиҳанда, 6 мақола дар нашрияҳои дигар интишор шудаанд. Хулоса, натиҷа ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои нашргашта инъикос ёфтаанд.

Оид ба мавзӯи тадқиқоти диссертатсия муаллиф дар чандин семинар, конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ бо маърӯзаҳо баромад намудааст. Муаллиф дар ҷараёни тадқиқоти диссертатсионӣ ба муаллифон ва манбаи иқтибоси мавод ишора менамояд. Плагиат дар диссертатсия мушоҳида намешавад.

**Ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани тартиб ва танзими диссертатсия.** Дар умум тадқиқоти диссертатсионии Раҳимзода М.С., ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, мувофиқат дорад. Зеро ҳангоми баррасии матни диссертатсия ва автореферат маълум гардид, ки ба талаботи муқарраргардида пурра ҷавобгӯ аст. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, натиҷаҳои он барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузорӣ аҳамият доранд.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Тавре маълум гардид Раҳимзода М.С., ба ҳайси ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории

факултети ҳуқуқшиносии ДМТ фаъолият мекунад. Чунин фаъолияти довталаб гувоҳи он аст, ки мутобиқати тахассуси илмии Раҳимзода М.С., барои дарёфти дараҷаи илмӣ ба ихтисоси 12.00.09 – Мурофиаи ҷиноӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ҷавобгӯ мебошад. Ҳамзамон, диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020, ки ду давраи корҳои илмӣ-тадқиқотиро фаро мегирад, омода карда шудааст. «Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ: вазъи батанзимдарории ҳуқуқӣ, амалия ва дурнамои инкишофи он», як фасли масоили мубрами назария, таҳияи тавсияҳои илмӣ ҷиҳати инкишофи қонунгузорӣ, рушди сохтор ва фаъолият оид ба анҷом додани адолати судӣ, назорати прокурорӣ, фаъолияти дигари ҳуқуқмуҳофизавӣ, омӯзиши ҷинояткорӣ ва пешниҳоди роҳҳои пешгирӣ намудан ва аз байн бурдани он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, аз ҷониби муаллиф босамар ба анҷом расонида шудааст.

**Хулоса.** Аз омӯзиши матни пурраи диссертатсия ва афтореферат хулоса намудан мумкин аст, ки тадқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Раҳимзода М.С., пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ мебошад, зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мусоидат намуда, онҳо дар раванди муътадили фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ заминаи илмию амалӣ хоҳанд гузошт. Хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди қонунгузорӣ, фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ, аз ҷумла раванди муътадили тафтишоти пешакӣ, баррасии парванда дар суд, инчунин такмили соҳа аҳамияти муҳим доранд.

Ҳамзамон, онҳо метавонанд, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ истифода шаванд. Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси фаннҳои таълимии ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, назорати прокурорӣ, криминология, курсҳои махсуси стандартҳои муҳокимаи одилонаи судӣ, далелҳо ва исботкунӣ, адвокатураи судӣ, иштироки прокурор дар мурофиаи судии ҷиноятӣ, инчунин ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ, диссертатсияҳо ба туври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати корро нишон медиҳанд.

Дар умум Раҳимзода М.С., сазовори дарёфтаи дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Мурофиаи ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад. Бояд иброз намуд, ки тақризи мазкур бо дарназардошти бандҳои 74-75-и «Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505 қабул шудааст, омода ва пешниҳод гардидааст.

**Директори ҶДММ «Tadqiqot»,**

**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ** ____________________ **Файзиев Ш.Ф.**
(имзо)

**Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ҶДММ «Tadqiqot»**
**(100000, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ш. Тошканд,**
**н. Юнусобод, куч. Амир Темур, хиёбони 1, хонаи 2.**
**Тел.: (+998-94) 404-0000, (+998) 909978581.**
**E-mail: info@tadqiqot.uz, www.tadqiqot.uz,**
**Shoxrud@gmail.com**

**«Подпись заверяю»**
**«Имзои Файзиев Ш.Ф.-ро тасдиқ мекунам»**
**Сардори шӯъбаи кадрҳои ҶДММ «Tadqiqot»** ____________________ **Атаджанова Д.**
(имзо)

ҶМ